**Суратмаҷлиси № 43-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 12-уми октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои
шуро 13 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D0504001 – Рӯзноманигорӣ) (роҳбари илмӣ: доктори илми филология Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудов Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо, диссертатсия ва автореферати Абдуҷабори Сафаралӣ ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Сироҷиддини Эмомалӣ маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Абдуҷабори Сафаралӣ ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D0504001 – Рӯзноманигорӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – доктори илми филология, профессор, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Абдуллозода Масрур Аҳмад** – доктори илми филология, профессор, аъзои комиссияи экспертӣ;

– **Муқимов Муҳамадӣ Аминович** – доктори илми филология, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология,
профессор — Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология — Сироҷиддини Эмомалӣ